**Интихоботи мустакили нозирони чомеаи шахрванди барои**
**Кумитахои Бунеди маблаггузорнии иклим**

## ДАСТУР БАРОИ ОВОЗДИХАНДАГОН

**<u>Муддати овоздихи:</u> аз рузи душанбе, 20 июл то рузи чумъа, 31 июл, соати 17:00 бо вакти ШМА**

## <u>Дастур барои овоздихи</u>

- Курсихои мазкур барои аъзои чомеаи шахрвандии бидуни фоида (масалан иттиходияхои чамъияти, шабакахои чомеаи шахрванди, институтхо оид ба масъалаи рушд ва мухити атроф, марказхои тадкикоти, ташкилотхои чомеаи махали, ва гурухи одамони тагчои) ва аъзои сохтори мазкур барои овоз додан ба номзадхо барои нозири даъват карда мешаванд. Хохиш мекунем, дар назар доред, ки Шурои умумичахонии сохибкорон оид ба рушди устувор барои курсихои нозирони сохтори хусуси озмуни алохида ташкил карда истодааст.
- Лутфан барои хар як кумита (Бунеди технологияи тоза [БТТ], Бунеди стратегии иклим [БСИ] ва Барномаи пилотии устуворнии иклим [БПУИ]) як номзадро интихобкунед.
- Аз ташкилотхо хохиш карда мешавад, ки барои як ташкилот танхо як маротиба овоз диханд. Агар мо аз як ташкилот якчанд овоз гирем, RESOLVE метавонад дар охир онхоро якчоя намояд (як овоз шуморад).
- Лутфан як минтака (Африка, Осие/Укенуси Ором, кишвархои тараккиефта ва Америкаи лотини)-ро интихоб кунед ва танхо барои номзад дар минтакаатон овоз дихед.
- Барои он, ки хаматарафа санчида овоз дихед ва натичаи бехтарин ба даст ояд, лутфан бо «Шартхои нозирони чомеаи шхрванди» дар сахифаи интернетии www.resolv.org/cif/application шинос шавед. Шартхои мазкур дар машварат бо аъзои чомеаи шахрванди ва Кумитаи машваратии RESOLVE тахия карда шудаанд. Шартхо инчунин бо забонхои араби, бенгали, хитои, камбодияги / хмери, фаронсави, непали, португали, руси, испани, точики ва турки дастрас мебошанд.
  - Кишвархое, ки холо дар доираи БТИ накшаи сармоягузори доранд, ин Миср, Мексика ва Туркия мебошад.
  - Ба кишвархои бахрабарандаи БПУИ Бангладеш, Боливия, Камбоча, Мозамбик, Непал, Нигерия, Точикистон, Яман ва Замбия дохил мешавад.

## <u>Чи гуна бояд сахифаи интернетии овоздихиро истифода бурд</u>

Лутфан аз сахифаи интернетии www.resolv.org/cif/voting огоз кунед. Барои ворид шудан маълумоти зеринро ворид кунед:

**Ном:**
**Ташкилот/Шабака/Чомеа:**
**Почтаи электрони (e-mail):** (агар надошта бошед, метавонед холи гузоред)
**Минтака:** (танхо яктоашро интихоб кунед)

1. Африка

2. Осие/Укенуси Ором
3. Кишвархои тараккиефта
4. Америкаи лотини

Пас аз он, ки маълумотро ворид кардед, барои давом додани чараени овоздихи барои минтакаатон тугмачаи «ок»-ро пахш кунед.

Дар сахифаи овоздихи барои минтакаи худ профили номзади писандидаатонро барои интихоб кардан пахш кунед. Хохиш мекунем, барои хар як кумита як номзад интихоб кунед. Барои хондани маълумот оид ба ягон номзад бо забони дигар барои кушодани маълумот дар формати PDF лутфан ба ишора (ссылка)-и забони зарури дар назди профил бо забони англиси пахш кунед (агар барномаи Adobe Acrobat reader надошта бошед, барои гирифтани маълумот ба сахифаи [http://get.adobe.com/reader/](http://get.adobe.com/reader/) ташриф оред). Барои дастрас намудани хуччати пурраи довталаб бо забони англиси лутфан ишораеро, ки дар зери профили онхо бо забони англиси чойгир шудааст, пахш кунед. Пас аз он, ки интихоб кардед, тугмачаи «ок»-ро барои кайд кардани интихобу худ пахш кунед.

Агар ягон савол дошта бошед, лутфан бо Марк Луис тавассути почтаи электронии [mlewis@resolv.org](mailto:mlewis@resolv.org) е телефони (+1) 202.965.6211ва е Мелани Хартман тавассути почтаи электронии [mhartmann@resolv.org](mailto:mhartmann@resolv.org) е телефони (+1) 202.965.6204 дар тамос бошед.

**<u>Кадамхои ояндаи чараен</u>**

Хангоми тартиб додани руйхати нихоии нозирон барои хар як кумита RESOLVE ва Кумитаи машварати аввал натичаи чараени овоздихиро барраси мекунад ва дуюм Шартхои ба даст овардани мувозинатро (маълумоти пурра дар хуччати «Шартхои нозирони чомеаи шахрванди» дар сахифаи интернетии [www.resolv.org/cif/application](http://www.resolv.org/cif/application) чойгир карда шудааст)-ро дида мебароянд. Масалан, агар ягон номзади пешниходшуда зан набошад, RESOLVE ва Кумитаи машварати метавонанд занеро, ки бештар овоз гирифтааст, барои курсии минтакаи у гузаронанд ва номзади дар чои аввал бударо ба чои номзади алтернативи гузорад. RESOLVE руйхати нихоии нозиронро ба Шуъбаи маъмурии БМИ то 7 август мефиристад. Максад он мебошад, ки хангоми интихоботи нихои то кадри имкон тамоми шартхои муайяншуда риоя карда шаванд.